Барои ҳифзи Ватан, таҳкими Истиқлолият
ва амнияти миллӣ тайёрем!

# Родмардон

Барои ҳимояи ин сарзамини муқаддас омода бошед, то дар ин хоки муқаддас хоҳарону модарони шарафманди мову шумо зиндагии осуда дошта бошанд.

Эмомалӣ Раҳмон

№11(223)
29 ноябри соли 2024

Нашрияи тарбияи ҳарбию ватанпарастии Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Мо тахти ҳамин Парчам ба ваҳдати миллӣ расидем. Дар зери ҳамин рамзи муқаддаси миллӣ мо сиёсати созандагиву бунёдкоронаро ба хотири баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум дар ҷомеаи нав, ҷомеаи озоди демократӣ ва ҳуқуқбунёду дунявӣ ба пеш хоҳем бурд.

Эмомалӣ Раҳмон

## Парчам ифтихори миллии ҳар як шаҳрванд аст

Парчаму парчамдорӣ дар таърихи давлатдории тоҷикон хеле қадима буда, ҳанӯз аз асрҳои пеш аз мелод сарчашма мегирад. Бостоншиносон ва муаррихон парчами филизиеро кашф намудаанд, ки ба ҳазораи сеи пеш аз мелод тааллуқ дошта, болои он шер ва тулуи офтоб тасвир шудааст. Ба ақидаи онҳо ин намуна яке аз парчамҳои қадимтарин мебошад. Аз маъхазҳои таърихӣ бар меояд, ки парчаму нишон дар замони Куруши Кабир ба сифати рамзи давлатдорӣ, сиёсату ҳашамат ва қудрату тавоноӣ истифода шудааст.

Дар адабиёти классики форсу тоҷик, алалхусус дар «Шоҳнома» -и безаволи Абулқосим Фирдавсӣ парчамҳои гуногун дар сафи пеши сипоҳ, разму набардҳо, болои хайма, қасру кушкҳо ҳамчун рамзи иттиҳоду, озодӣ тасвир ёфтааст, ки машҳуртарини онҳо Диравши Ковиён, (аз пешдомони чармини Коваи оҳангар), Диравши Сиёвуш (бо тасвири гавазн) мебошанд. Парчам дар тӯли таърих мансубияти одамонро ба ин ё он қавм, қабила, миллат, давлат муайян мекунад.

Бо мурури замон парчам моҳияту маънои худро дигар накардааст. Яъне то имрӯз парчам рамзи муттаҳидсозӣ, ягонагии халку миллатҳо мебошад. Вале дар баробари пешрафти инсоният ва тағйир ёфтани ҷамъият парчам сохт (метал, матоъ), шакл, ранги дигар гирифтааст.

Соли 1924 Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон таъсис ёфт. Парчами давлатии он аз матои сурх иборат буда, дар як гӯшаи он навиштаҷоти «Пролетарҳои ҳамаи мамлакатҳо як шавед» ҷой дошт. Соли 1929 ҶМШСТ ба Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон табдил гардид, яъне Тоҷикистон бевосита ба ҳайати ИҶШС шомил карда шуд. Ҳамон сол Парчами давлатӣ дар таҳрири нав қабул гардид. Аз соли 1929 то соли соли 1953 ба он ҳафт маротиба тағйир ворид карда шуд. Аз соли 1953 то соли 1991 бошад бе тағйир монд.

9 сентябри соли 1991 Ҷумҳурии Тоҷикистон Истиқлолияти давлатии худро эълон кард. Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Иҷлосияи тақдирсози XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, баъди барқарор гардидани ҳокимияти конститутсионӣ қабул гардид. Яъне, бо ташаббуси Раиси Шӯрои Олӣ мухтарам Эмомалӣ Раҳмон 24 ноябри соли 1992 Низомномаи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул ва Тоҷикистон ҳамчун давлати мустақилу соҳибихтиёр соҳиби Парчами давлатӣ гардид.



Парчами давлатии Тоҷикистон иборат аз матои росткунҷа буда, дорои се рахи рангаи уфуқӣ мебошад: рахи боло ранги сурх, мобайнӣ ранги сафед ва поёнӣ ранги сабз дорад. Дар рӯи рахи сафед, дар мобайни Парчам, бо зарҳал тоҷ ва болои он ҳафт ситора дар шакли нимдоира тасвир шудаанд.

Ранги сурхи Парчам — рамзи мубориза ва ҷоннисории халқ дар роҳи озодӣ ва истиқлол, ранги сафед — рамзи покӣ, озодагӣ, роҳи сафед ва бахту иқболи нек, ранги сабз — рамзи ҳаёт, сарсабзиву хуррамӣ, созандагиву бунёдкорӣ мебошад.

Тоҷ рамзи шукӯҳу шаҳомат, рамзи давлат, соҳибихтиёрӣ, соҳибдавлатӣ ва истиқлолият аст.

Ҳафт ситора — рақами муқаддас дар оину суннат ва ҳикмати халқи мо, рамзи бахту саодат, некӣ ва пайванди арзишҳои заминӣ ва кайҳонӣ мебошад.

Басо рамзист, ки ҳафт минтақаи ҷумҳурӣ — Бадахшон, Суғд, Хатлон, Зарафшон ва водиҳои Вахшу Рашту Ҳисор низ ба ҳафт ситора мувофиқат мекунанд.

Тартиби истифодаи расмии Парчами давлатии Тоҷикистонро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» муқаррар мекунад, ки аз 5 боб ва 13 модда иборат аст.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ 3 ноябри соли 2009 лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи рӯзҳои ид»-ро пешниҳод намуданд, ки аз ҷониби Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул ва тибқи он 24 ноябр Рӯзи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардид.

Бори аввал мардуми кишвар Рӯзи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳамчун иди умумимиллӣ 24 ноябри соли 2009 бо ифтихор аз давлату давлатдорӣ ва соҳибистиқлоливу соҳибихтиёрӣ таҷлил намуданд.

Парчам яке аз рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ифтихори миллии ҳар як шаҳрванд мебошад. Мавқеи ҳар як давлатро дар арсаи байналмилалӣ тавассути парчам мешиносанд.

Парчами давлатӣ нишонаи мустақилияти давлат, бақои миллат, ваҳдат ва ҳувияти миллӣ ва яке аз беҳтарин василаҳои тарбияи насли наврас дар рӯҳияи ватандорӣ, ифтихор аз миллати хеш ва ҳифзи арзишҳои таърихию фарҳангии халқамон мебошад.

30 августи соли 2011 дар шаҳри Душанбе Парчами Тоҷикистон дар пояи махсус бо иштироки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон афрохта шуд. Баландии он 165 метр аст ва яке аз баландтарин пояи парчами давлатӣ дар масолики ҷаҳон мебошад. (ҳамчун рекорди Гиннес сабт шудааст) Қобили зикр аст, ки парчами мазкурро сарбозону афсарони баталёни Қаровули фахрии Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон тахти навои Оркестри ҳарбии гвардия ба минбари ифтихорӣ баровараданд.

Хайринисо КОМИЛЗОДА

## Парчам- рамзи қудрат ва тавоноӣ

Парчам яке аз муқаддасоти миллӣ буда, нишони давлати соҳибистиқлол, рамзи мубориза барои озодӣ, шуҷоат, покӣ, оянддаи дурахшон ва сарсабзиву хуррамии давлат мебошад. Эҳтирому ифтихор аз ин муқаддасоти миллӣ вазифаи конститутсионии шаҳрванд ва амри дилу қарзи виҷдони ҳар як инсон аст.

Бо мақсади дар сатҳи баланд таҷлил намудани Рӯзи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Гвардияи миллӣ ҷамъомади тантанавӣ баргузор гардид, ки дар он ҳайати Фармондеҳӣ, сардорони раёсату шуъбаҳои дастгоҳи марказӣ, афсарону сарбозони қисмҳои ҳарбӣ иштирок доштанд. Дар аввал Суруди миллӣ тахти оҳанги оркестри ҳарбӣ садо дод. Сипас Фармондеҳи Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон генерал-лейтенанти гвардия Бобоҷон Ҷамолзода ҳозиринро ба Рӯзи Парчами давлатӣ муборакбод намуда, аз таърихи рамзҳои давлатдорӣ, аз ҷумла Дирафши ковиён ва зери ин нишон мубориза мардуми ориёиро барои нигоҳ доштани озодиву истиқлолият ёдовар шуданд. Таъкид гардид, ки Парчам яке аз рамзҳои асосии давлату миллат мебошад, ки мавҷудияти ҳеҷ як кишвар, озодӣ ва истиқлолияти онро бидуни парчам наметавон тасаввур кард. Ифтихору гиромидошти ин муқаддасоти миллӣ дар ҳаёту фаъолияти ҳаёти шахсии Артиши миллӣ, аз ҷумла дар Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи хоса дорад. Он ҳамеша дар мавқеи ифтихорӣ, дар сафи пеш қарор дошта, рамзи қудрату тавоноӣ, шуҷоату мардонагӣ ва нерӯи зафаровари ҳарбиён аст. Ҳамчунин эҳтирому арҷгузорӣ ва пос доштани муқаддасоти миллӣ аз вазифаҳои муҳими ҳар як фарди худогоҳ маънидод гардида, аз иҷлосияи 16 Шурои Олӣ





то имрӯз саъю талош ва заҳматҳои Пешвои миллат-Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар ин самт ёдовар шуданд, ки барои ҳар яки мо боиси пайравӣ ва ифтихори бузург аст.

Дар идомаи чорабинии тантанавӣ сарбозону сержантони баталёни қаровули фахрии Гвардияи миллӣ Парчами давлатии Тоҷикистонро ҳамчун рамзи ифтихору сарбаландӣ, эҳтиром ба муқаддасоти миллӣ бо қадамҳои устувор ва таҳти оҳанги ифтихорӣ аз назди ҳайати шахсӣ, аз майдони чорабинӣ гузаронданд.

Суруди ифтихории Гвардияи миллӣ, ки аз тарафи афсарону сарбозон иҷро карда шуд, чорабиниро идома дод. Бо амри масъули чорабинӣ ҳайати шахсӣ ба марши тантанавӣ омода шуд. Зери оҳангҳои мутантани ҳарбӣ дар ҳайати ҷузъу томҳо баргузор шудани гузашти низомии афсарону сарбозон анҷомбахши ҷамъомади тантанавӣ ба муносибати Рӯзи Парчами давлатӣ гардид.

Полковники гвардия
Хайринисо КОМИЛЗОДА

# Анҷоми машғулиятҳо– оғози санҷишҳо

Дар асоси Нақшаи ягонаи чорабиниҳои асосӣ ва барномаи таълимӣ ҳайати шахсии Гвардияи миллӣ машғулиятҳои назариявиро аз худ карда, донишҳои андӯхтаи хешро дар машқгоҳи саҳроӣ такмил доданд. Воҳидҳои артиллерӣ ва таъиноти махсуси қисмҳои ҳарбӣ тибқи барномаи таълимӣ дар машқгоҳи саҳроӣ чиёни ҳарбӣ тирро ба ҳадаф расонида, баҳои баланд гирифтанд.

Афсарони раёсату шуъбаҳои фармондеҳӣ ба ҳайси ҳайати роҳбарикунанда масъулияти таҳияву тарҳрезии барномаҳои таълимӣ, идора кардани ҷузъу томҳо, расонидани ёрии амалӣ, назорату санҷиши фаъолияти доимии ҳайати шахсиро ба ӯҳда доранд. Ҳар



машғулиятҳои амалии оташфишониро дар ҳайати гурӯҳҳои муттаҳида аз худ карданд. Баъди санҷиши маҳорату малакаи ҷангӣ, ки маҷмӯи амалҳоро дар бар гирифт, ҳайати шахсӣ ба қисмҳои ҳарбии худ баргаштанд ва барои санҷиши фаъолият, донишу малакаи андӯхта дар нимсолаи дуюми давраи таҳсил дар соли 2024 омодагӣ мегиранд.

Ҳайати шахсии афсарону прапоршикони раёсату шуъбаҳои фармондеҳӣ низ ба машғулиятҳои амалии тирпарронӣ ҷалб карда шуданд. Дар машқгоҳи саҳроӣ машғулиятҳо аз тақсими нуқтаҳои таълимӣ оғоз гардида, роҳбарони машғулият оид ба риояи чораҳои бехатарӣ ҳангоми муносибат бо силоҳ, муҳимоти ҷангӣ, тайёрии тактикӣ, тайёрии оташфишонӣ ва истифодаи силоҳу муҳимоти ҷангӣ дастур доданд. Ҳайати шахсии ба машғулиятҳо ҷалбгардида ба ду гурӯҳ ҷудо карда шуда, аз автомати калашников ва туфангчаи макаров машқи амалии тирпарронӣ анҷом доданд. Аксарият хизматкадом дар ташкилу ба роҳ мондани фаъолияти пурсамар дар самтҳои гуногуни хизмат, дар сатҳи баланд нигоҳ доштани омодабошии ҷангии ҳайати шахсии ҷузъу томҳои Гвардияи миллӣ вазифаҳои муайянро иҷро мекунанд. Аз ин лиҳоз, роҳбарияти Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба афсарон ҳамчун маҳаки асосии артиш диққати махсус дода, ин масъаларо ҳамчун яке аз вазифаи муҳим мавриди назар қарор додаст ва барои мунтазам такмил додани дониш ва маҳорату малакаи ҳайати шахсӣ пайваста тадбирҳои мушаххас андешида мешавад.

Қобили зикр аст, ки машғулиятҳо дар қисмҳои ҳарбии Гвардияи миллӣ, дар нимсолаи дуюми соли хониши 2024 ба анҷом расид. Комиссия, ки аз ҳисоби афсарони ботаҷрибаи раёсату шуъбаҳои фармондеҳӣ ташкил карда шуд, тибқи фармони Фармондеҳи Гвардияи миллӣ аз 15 ноябри соли равон ба санҷиши маҷмӯии фаъолияти қисмҳои ҳарбӣ шурӯъ намуд.

# Парчам танҳо матоъ нест




Парчам танҳо матои шакли муқаррарии геометрӣ набуда, балки рамзи асосии муаррифии кишвар дар вохӯриҳои расмии байналмилалӣ, анҷуманҳои сиёсӣ, мусобиқаҳои гуногуни варзишӣ ва дигар чорабиниҳои сатҳи байналмилалӣ ба шумор меравад. Ҳар як кишвар дар парчами миллиашон рамзҳои худро доранд, ки дар заминаи рамзҳои гузаштаи ниёгон ва имрӯзаи давлаташон тасвир ёфтаанд.



Парчами Мозамбик ягона парчами миллӣ дар ҷаҳон аст, ки дорои силоҳи замонавӣ мебошад. Дар он АК-47 тасвир ёфта, рамзи мубориза доимии мамлакат, дифоъ ва ҳушёриро дар кишвар ифода мекунад. Дар парчами Мозамбик сабз рамзи сарвати кишвар, сиёҳ - қитъаи Африқо, зард - сарватҳои зеризаминии кишвар, сурх - мубориза барои истиқлолият, сафед рамзи сулҳ мебошад.

Парчами Непал ягона парчами миллӣ дар ҷаҳон аст, ки росткунҷа нест. Парчам маҷмӯи соддакардашудаи ду шакли геометрие ба монанди секунҷаи ягона мебошад. Парчами Непал ду ранг дорад, ки сурх нишонаи пирӯзӣ дар ҷанг ва сарҳади кабуд ранги сулҳ аст.



Парчами Бутан низ ба қатори парчамҳои ғайриоддӣ шомил аст. Зеро ягона парчаме ба шумор меравад, ки дар он аждаҳои сафед тасвир ёфтааст. Бояд гуфт, ки парчами Бутан дорои ду ранг аст ва аждаҳо дар мобайни ин ду ранг қарор дошта, ифодагари баробарӣ мебошад. Чаҳор ороиш дар дасти аждаҳо сарвату амнияти кишварро таъмин мекунад. Ин парчам соли 1969 тасдиқ карда шуда буд ва ҳеҷ гоҳ тағйир наёфтааст.



Дар баробари ҳама ин дар ҷаҳон панҷгонаи парчамҳои баландтарини дунё низ вуҷуд дорад. Дар раддабандии ҷаҳон дар ҷои аввал Арабистони Саудӣ меистад, ки баландии парчами ин кишвар 170 метр аст. Ҷои дуюмро Ҷумҳурии Тоҷикистон яъне кишвари азизамон бо баландии 165 метр манора ишғол мекунад. Дар зинаи сеюм Озарбайҷон бо баландии 162 метр, ҷои чорум Кореяи шимолӣ бо баландии манораи 160 метр ва ҷои панҷумро бошад Туркманистон бо баландии 133 метр ишғол кардаast.

Таҳияи
Ёқубҷон СУЛТОНАЛИЗОДА

# Оташфишонии артиллерия

Аз 15-уми октябр то 14 -уми ноябри соли равон ҷамъомади таълимии ҷузъу томҳои артиллерии Гвардияи миллӣ идома ёфт. Дар асоси фармони Фармондеҳи Гвардияи миллӣ машғулиятҳои таълимӣ тибқи нақшаи тасдиқгардида давоми як моҳ ба таври назариявию амалӣ доир карда шуданд. Тули ин муддат рафти машғулиятҳо аз тарафи масъулини Раёсати тайёрии ҷангии фармондеҳӣ назорат ва мавриди таҳлилу баҳогузорӣ қарор гирифт. Раванди машғулиятҳои таълимиро полковники гвардия Абдурозиқ Ҷалилзода ва дар машқгоҳи саҳроии “Чоруқдарон”-и вилояти Суғд подполковники гвардия Аъзамҷон Тиллозода роҳбарӣ карданд.

Роҳбарони машғулият дар ин муддат тавонистанд ҳайати шахсиро аз иҷрои қоидаҳои бехатарӣ, хислатҳои тактикиву техникӣ ва дар амал истифода карда тавонистани аслиҳаву муҳимоти артиллерӣ омода созанд. Дар ҷамъомати таълимии саҳроӣ ҳайати шахсии воҳидҳои артиллерӣ оташфишониро дар масофаҳои гуногун анҷом дода, ба натиҷаҳои баланд ноил гардиданд.

майори гвардия
Неъмуллои ХОЛИҚ



# РИШВАСИТОНӢ ВА ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲОИ МАРБУТ БА ОН



Капитани гвардия
Шавкат Бобоҷонзода,
муовини командири рота оид ба корҳои сиёсӣ–тарбиявӣ,
қисми ҳарбии 051054

Дар замони муосир яке аз падидаҳои номатлуби рӯз, ки ба муваффақона амалишавии ҳуқуқу озодиҳои инсон монеаҳо эъҷод мекунад, коррупсия мебошад. Ин падида на танҳо нуфузи мамлакатро дар сатҳи байналмилалӣ коста мегардонад, балки болоравии иқтисодиёт ва таъмини иҷтимоиро бозмедорад, хатари бӯҳрони иқтисодиро метезонад. Аз тарафи дигар ба вайроншавии мувозинати байни шохаҳои ҳокимият оварда расонда, боварии халқро ба давлат коста ва дуршавии ҷомеаро аз давлат дучанд мегардонад, ҳатто ба оияндаи давлату миллат таҳдид мекунад.

Агар ба таърихи пайдоиши мафҳуми «коррупсия» (аз лот. corruptio-вайрон кардан, харида гирифтани мансабдорони давлатиро ифода мекунад) назар афканем, он якчанд ҳазорсоларо дар бар гирифта, ба андешаи бештари олимон нишонаҳои аввалини онро дар бойгониҳои Бобулистони Қадим ва ҳамчунин дар қонунҳои машҳури Хамураппи, инчунин дар Қонуни 12-ҷадвали Рими Қадим, ки ҷадвали нуҳумаш ба кирдорҳои хусусияти коррупсионидошта бахшида шуда буд, мушоҳида кардан мумкин аст. Таърихнигорон ва олимонба он хотир таърихи коррупсияро ба замонҳои пеш ишора мекунанд, ки дар қонунҳои дар боло зикргардида ҷазоҳо барои кирдорҳои хусусияти коррупсионидошта муқаррар гардида буд ва аз ин хулоса кардан мумкин аст, ки кирдорҳои хусусияти коррупсионидошта дар ҳамон замон зуҳур карда буд.

Дар баробари ин динҳои ҷаҳонӣ низ коррупсияро маҳкум карда, онро падидаи номатлуб, яъне доғи рӯз хондаанд. Аз ҷумла, пайғамбари ислом Муҳаммад (с) фармудаст: «Ришвадиҳанда, ришвагиранда ва миёнарави байни ҳарду дар оташи дӯзаханд». Аз ҷониби дигар пайғамбари ислом чунин ашхосро сазовори лаънати Худованд хондааст.

Аслан раванди ташаккули коррупсия ба асрҳои миёна рост омада дар ин давра васеътар доман паҳн мекунад. Яке аз арбобони намоёни сиёсии он замон Николло Макиавелли коррупсияро ба бемории шабоҳат додааст, ки дар ибтидо фаҳмиданаш душвору табобаташ осон, дар интиҳо бошад аллакай фаҳмиданаш осону табобаташ қариб имконнопазир мегардад.

Ба ҷиноятҳои характери иқтисодӣ ва коррупсионидошта бобҳои 27 ва 30 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва зиёда аз 40 ҷинояти пешбиникардаи ин кодекс мансуб аст аз он ҷумла: Порахӯрӣ яке аз падидаҳои иҷтимоии аз давраҳои қадим маълум мебошад ва он харидани шахсони мансабдорро ифода мекунад, ки ин кирдор ҳамавақт кирдори барои давлату ҷамъият хавфнок аст. Порахӯрӣ яке аз элементҳои коррупсия буда, аз тарафи ду нафар порадеҳ ва порагир содир шуда метавонад. Як субъект ҷинояти мазкурро содир карданаш мумкин аст. Гирифтани пора ба категорияи ҷиноятҳои дараҷаи миёна, ҳангоми чой доштани ҳолатҳои вазнинкунанда (қ 2-4 м. 319 КҶ ҶТ) ба категорияи ҷиноятҳои вазнин ё махсусан вазнин дохил мегардад.

Дар баробари ин ҳангоми содир намудани ҷинояти гирифтани пора на фақат порадиҳанда ва порагир, балки миёнарав ва дигар шарикон иштирок мекунад. Миёнаравӣ бештар дар ёрирасонӣ (бурдани гуфтушунид бо порадиҳанда ва порагир, ташкил намудани вохӯрии онҳо, додани пора ба шахси мансабдор) ё дар таҳрикнамоӣ ва ёрирасонӣ (бо шахс таклиф намудани додани пора ва мутобиқатнамоӣ ба он) ифода меёбад. Бинобар он ҳаракатҳои миёнарав ҳамчун шарикӣ дар додан ё гирифтани пора вобаста ба нақши ӯ дар содир намудани ҷиноят бандубаст мегардад. Ба сифати шарик ҳангоми гирифтани пора шахси мукаллафӣ ба синни 16-солагӣ расида баромад карда метавонад.

Мутобиқи моддаи 320 Кодекси ҷиноятии ҶТ дар баробари порагирӣ порадиҳӣ низ ҷиноят эътироф шудааст ва додани пора зинаи аввали гирифтани пора мебошад. Агар шахсони порадиҳанда нобошанд он гоҳ порагирон ҳам намебуданд. Дар бештари мавридҳо ҳангоми дастгир гардидани шахсони мансабдор аз тарафи мақомот бо ҷурми порагирӣ онҳо чунин баҳона пеш меоранд, ки гӯё порадеҳ ӯро барои гирифтани пора маҷбур карда бошад. Аммо ин моддаи Кодекси ҷиноятии ҶТ боз меъёри ҳавасмандкуниро муқаррар мекунад, ки шахси порадиҳанда ё порагирандаро аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод мекунад. Дар ҳолате, ки аз ҷониби яке аз онҳо оиди гирифтан ва ё додани пора ихтиёран ба мақомоте, ки ба кушодани парвандаи ҷиноятӣ ҳуқуқ дорад, хабар диҳад. Мақсади асосии меъёри номбаршуда осон намудани мубориза бар зидди порагирӣ ва порадиҳӣ, инчунин ошкор кардани ин категорияи ҷиноятҳост.

Тарафҳои нозукии корро ба инобат гирифта қонунгузор меъёри навро ба Кодекси ҷиноятӣ дохил карда дар амал ҷорӣ намуд то ки шахсони мансабдоре, ки вазифаҳои хизмати худро бовиҷдонона мувофиқи талаботи қонуният ва адолат адо мекунанд, аз тӯҳматҳои хушку холӣ эмин бошанд. Дар ҳақиқат, дар ҳаёт ҳолатҳое ҷой доранд, ки шахсони алоҳида бо ниятӣ ба мақсади худ расидан (асосан мақсадҳои ғайриқонунӣ) кӯшиш мекунанд, ки шахсони мансабдорро барои ба фоидаи худ иҷро кардан ё накардани амалҳои муайян водор намоянд. Бинобар ин, бо мақсади беобрӯ ва сиёҳ кардани шахси мансабдор, гунаҳкор бе маслиҳати пешакӣ, яъне, бе розигии шахси мансабдор, кӯшиш мекунад предмети пораро (ришваро) бо ӯ супорад ва ба ҳамин роҳ ба таври сунъӣ «далели лозимиро» оид ба гирифтани пора ба вуҷуд оварад ва ин дар Кодекси ҷиноятии ҶТ иғвои порадиҳӣ эътироф шуда, барои содиркунандагони чунин кирдор бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз панҷ то даҳ сол бо мусодираи молу мулк ҷазо муқаррар карда шудааст.

Ташкили мубориза зиддикоррупсионии давлатӣ самараи дилхоҳ медиҳад агар:

-ҳокимияти қонунгузор санадҳои меъёрӣ ҳуқуқиеро қабул кунад, ки дар онҳо «даричаҳо» ва ё меъёрҳои ба муносибатҳои коррупсионӣ мусоидаткунанда мавҷуд набошад;

-ҳамаи мақомоти давлатӣ аз болои самаранок истифода бурдани маблағҳои давлатӣ назорат баранд;

-баланд бардоштани шуури ҳуқуқӣ, таълим ва тарбияи зиддикоррупсионии ашхоси мансабдор ва шаҳрвандон;

-ба низоми муайян даровардани танзими давлатӣ (литсензиякунонӣ, бақайдгирии давлатӣ, сертификатсиякунонӣ ва ғ);

-аз тарафи давлат таъминоти пурраи моддии хизматчиёни давлатӣ;

-ба таври ғайринақдӣ ҷорӣ намудани муомилоти маблағҳо;

-аз тарафи суд нисбати содиркунандагони кирдорҳои коррупсионӣ таъин кардани ҷазоҳое, ки онҳоро дар руҳияи риояи қонунҳо тарбия намояд;

-иштироки фаъолонаи васоити ахбори омма дар фошсозии кирдорҳои коррупсионӣ ва баланд бардоштани маърифати зиддикоррупсионии ҷомеа.

Сиёсати зиддикоррупсионӣ дар кишвар дар ҳоле самараи дилхоҳ дода, барои ба пурраги решакан шудани он мусоидат мекунад, агар ҳамаи мақомоти ҳокимияти давлатӣ, шахсони мансабдор, шаҳрвандон ва васоити ахбори омма, хулоса тамоми ҷомеа якдилона бар зидди ин падидаи номатлуб мубориза беамон баранд.

# Омодагӣ ба зимистони 2024-2025



Барои дар амал татбиқ намудани Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сари вақт омода намудани соҳаҳои иқтисодиёт ва иҷтимоиёт барои фаъолияти мунтазам ва самарабахш дар давраи тирамоху зимистони солҳои 2024-2025» 13 апрели соли ҷорӣ аз тарафи Фармондеҳи Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон нақшаи чорабиниҳо ба имзо расид. Дар асоси ин ҳуҷҷат дар фармондеҳӣ ситоди фаврӣ таъсис дода шуд, ки масъулони нақшаи мазкур хадамоту шуъбаҳои раёсати ақибгоҳ ва муовинони командирони қисмҳои ҳарбӣ оид ба ақибгоҳ мебошанд.

Ҳамчунин дар қисмҳои ҳарбӣ нақшаи тайёрӣ ба тирамоху зимистони солҳои 2024-2025 тартиб дода шуд, ки самтҳои асосии хизмат оид ба таъминоти ҷузъу томҳо бо озуқа, амволи шайъӣ, моводи сӯзишворӣ, омода намудани аслиҳа, техникаи ҳарбӣ ба мавсими зимистон ва омода кардани иншооти таъиноти гуногуни хизматиро ба фасли зимистон дар бар мегирад.

Мувофиқи маълумоти масъулини ақибгоҳ дар ҳама ҷузъу томҳои Гвардияи миллӣ хобгоҳу ҷойҳои бурдани хизмати шабонарӯзии ҳайати шахсӣ барои зимистонгузарони омода карда шудааст. Ҳарчанд бештари хобгоҳу синфхонаҳои қисмҳои ҳарбӣ бо таҷҳизоти барқӣ гарм карда мешаванд, вале масъулини қисмҳои ҳарбӣ дар асоси нақшаҳои тасдиқгардида чорабиниҳои асосиро анҷом дода, 180 тонна ангишт ва 1000 куб ҳезум захира кардаанд. Корҳо дар ин самт идома доранд.

То 20 октябри соли равон дар анборҳои марказӣ 312 тонна картошка, 50 тонна пиёз, 26 тонна каду, 8,6 тонна мураббо, 4 тонна афшура, 3,1 тонна консерваҳои сабзавотӣ, 6,6 тонна қайлаи помидор, 1,1 тонна қаланфури тези консервашуда, 8,5 тонна меваву сабзавоти хушк барои зимистон захира карда шудааст. Захира намудани баъзе сабзавоту меваҷот идома дорад.

Соли равон аз ҳисоби кишти такрории соли 2023 ва кишти асосии соли 2024 масъулини ақибгоҳ аз Корхонаи воҳиди давлатии "Хоҷагии ёрирасон" ва заминҳои назди қисмҳои ҳарбии Гвардияи миллӣ хӯроки ҳайати шахсиро бо сабзавоту меваҷоти тару тоза сергизо намуданд. Аз ҷумла, 249 тоннаву 633 кг картошка, 105 тонна пиёз, 29 тонна сабзӣ, 10 тонна лаблабуи сурх, 29 тонна карам, 5,5 тонна шалғам, 4 тонна турб, 36,8 тонна помидор, 10 тонна бодиринг, 13 тонна боимҷон, 104 тонна гандум, 1,2 тонна гӯшт, 18752 литр шир ва дигар намуди маҳсулоти хоҷагӣ ҷамъоварӣ карда шудааст. Айни замон ҷамъоварии караму сабзӣ, турбу шалғам, ки акнун барои истеъмоли ҳайати шахсӣ омода шудааст, идома дорад ва хоҷагидорон нақша доранд, ки ин ҳосил то фасли баҳор барои серғизо кардани хӯроки сарбозон кифоя мебошад.

Аз боду ҳавои мусоид истифода бурда, хоҷагидорон дар масоҳати 13,8 гектар замин кишти такрорӣ гузаронида, караму сабзӣ, турбу шалғам, лаблабуву редиска ва барои хӯроки чорво ҷуворимака кишт карданд.

Бо кӯмак ва дастгирии Президент-Сафармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон масъулини ақибгоҳи Гвардияи миллӣ барои бе мушкилӣ гузаронидани мавсими зимистон ва ҳамеша дар сатҳи баланд нигоҳ доштани тайёрии ҷангӣ ҳайати шахсии ҷузъу томҳоро дар тамоми самтҳои фаъолияти хизматӣ бо захираи озуқа, амволи шайъӣ, сӯзишворӣ ва дигар лавозимоту муҳимот ва таҷҳизоти зарурӣ таъмин намудаанд.

Хайринисо КОМИЛЗОДА

Абдуллоҳи Раҳнамо

## Сабақе барои мо аз буҳронҳои дунё

Ба ҷойи ин ҳама ғавғо ту ҳам савод омӯз
Ба ҷои ин ҳама фарёд иттиҳод омӯз.

Ба ҷои ин ҳама даъво ту ҳам муҳандис шав
Ва илмро пас аз ин ҳамчу эътиқод омӯз.

Яҳуд як сеяки мардуми мусулмон нест,
Вале чаро ба ту пирӯз шуд? Тазод омӯз.

Чаро ки ӯ ба ҳама арса дарс мехонад,
Бишину рози тараққии ин нажод омӯз.

Мағӯ, ки ӯ ҳама макр асту мо ҳама хомем,
Ту ҳам ба ақлу тавони худ эътимод омӯз.

Илоҳиёт биомӯхтӣ ту, мошаллоҳ,
Кунун сиёсату таъриху иқтисод омӯз.

Намозу зикр биёмухтӣ, ҳалолат бод,
Кунун муодилаву ҳалли рамзу код омӯз.

Тамоми арзи Худо масҷид аст, медонӣ?
Биёву сохтани мактабу завод омӯз.

Ва қарз кардаю ҳар сол ҳаҷҷу умра марав,
Ба илм харҷ бикун, дониши зиёд омӯз.

Бубин, ки ҷанги муосир чи гуна бераҳм аст,
Фановарии наву артишу ситод омӯз.

Ту ҳам ба сафи Ватан гунбаде зи оҳан зан,
Идора кардани обу замину бод омӯз.

Хабар расид, ки то ними рӯх дар хобӣ,
Дар аввалин қадамат машқи бомдод омӯз.

Фасод кардаву хайрия мекунӣ, ҳайҳот!
Дигар ту хайр макун, тарки ин фасод омӯз.

Ҷиҳоди акбари ту ҳифзи Тоҷикистон аст,
Дигар фиреб маҳӯр, маънии ҷиҳод омӯз.

## Дар боби Ватан ва ватандӯстӣ

Ҳар як фарди ҷомеа соҳибватан аст ва марзу буми онро бояд ба ҷон дӯст дорад. Аз ин ҷост, ки истилоҳи ватандӯст дар миёни қавму миллатҳо ба вуҷуд омадааст. Ватандӯст на дар сухан, балки дар амал бошад. Барои ободии Ватан бо нақди ҷон бикӯшад. Забони модариро донад ва онро аз ҳар гуна олудагиҳо ҳифз намояд. Адабиёт, расму оини миллиро донад, арҷ гузорад. Аз таърихи Ватан ва қаҳрамононаш чун дастури зиндагӣ баҳра бардорад.

Ватан сарзаминест, ки хуни нофи мо дар он рехта, чашм ба олами ҳастӣ кушодаем. Ватан болу пари инсон, бахту иқбол, қуввати ҷон, орзу ва умеди инсон, имону амон аст. Оғуши Ватан мисли оғуши Модар гарму роҳатафзост. Ватан ва модар ҳаммаъно ва ҳамрадиф мебошанд, аз ин рӯ ин ду вожаро паҳлӯи ҳам мегузоранд. Ватан-Модар!

Вақте ки мо Ватан мегӯем, пеши назар боғҳои шукуфон, марғзорон, обшорон, парандаҳо, гулу гиёҳ, кӯҳсорон, ганҷҳои аёну ниҳон пайдо меояд.

Танҳо дар Ватан ривоёти ниёгон, андешаҳои ҳакимон, шеъри шоирон, ҳикмати орифон ва панди пирон арзиш пайдо мекунад.

Хизмат ба Ватан бошад, аслан хизмат ба падару модар, ғамхорӣ барои рӯзгори ороми наслҳои оянда аст, ки ба ҷавонон дарси шуҷоату мардонагӣ омӯхта, онҳоро ҷисман ва рӯҳан обутоб медиҳад.

### Андарзҳо:

Ҳифзи ҷон воҷиб аст,
ҳифзи Ватан воҷибтар.
***Халқ***

***

Алоқа дар дунё шадидтар
аз меҳр ба Ватан нест.
***Афлотун***

***

Ҳама сар ба сар тан ба
куштан диҳем,
Аз он беҳ, ки кишвар ба
душман диҳем.
***Фирдавсӣ***

***

Мафрӯш обрӯи Ватанро зи
тарси ҷон,
Номи абад ба ҳикмати мардӣ
харид кун.
***Лоҳутӣ***

***

Ҳадяи Яздон, биҳишти мо
Ватан, Ватан,
Шоҳкитоби сарнавишти мо
Ватан, Ватан.
***Гулрухсор***

Генерал-майори мустаъфӣ
Ҳабибулло ЮСУФОВ,
мушовири калони
Фармондеҳи Гвардияи миллӣ



## Варзиши тоҷик пеш меравад



Боиси хушнудии мардуми Тоҷикистон аст, ки наврасону ҷавонони мо дар риштаҳои гуногуни варзиш рақобатҳои ҷолиби худро нишон дода, то ба маротиб пеш мераванд. Яке аз чунин дастовардҳои варзишии кишвар, ки дар таърихи футболи ҷаҳон сабт гардид, ин бозии дастаи наврасони 17 солаи Тоҷикистон дар даври ниҳоии марҳилаи интихобии Ҷоми Осиё-2025 мебошад. Дар ин рақобат мунтахаби наврасони Тоҷикистон таҳти роҳбарии Марко Раҷини бар тимҳои Гуам бо ҳисоби бузурги 33-0 ғолиб омада дар саҳифаҳои таърихии футболи ҷаҳон сабти ном кард. Зеро ин нишондод дар панҷгонаҳои серголтарини футбол дохил гардид. Тартиби серголтарини панҷгонаҳо чунин аст:

1. Стад Олимпик Л'Эмирн - Адема - 0:149 (Чемпионати Мадагаскар, 2002)
2. Арбоат – Бон Аккорд – 36:0 (Ҷоми Шотландия, 1885)
3. Данди Харп - Абердин Ровере - 35:0 (Чемпионати Шотландия, 1885)
4. Тоҷикистон – Гуам – 33:0 (Дастаҳои ҷавонон, мусобиқаи интихобии Ҷоми Осиё-2025)
5. Австралия – Самоаи Амрико – 31:0 (мусобиқаи интихобии Ҷоми ҷаҳонии 2002)

Чуноне ки ба мушоҳида мерасад, дар ин раддабандӣ дастаи наврасони Тоҷикистон дар ҷои чорум қарор дорад ва дар ин марҳила ҳамзамон бо Сингапур (3:1) ва Уммон (2:0) пирӯзӣ ба даст овард. Наврасони мо бо касби нуҳ имтиёз дар гурӯҳи «J» мақоми аввалро касб карда, ба қисми ниҳоии Ҷоми Осиё-2025, ки аз 3-юм то 20-уми апрел дар Арабистони Саудӣ баргузор мешавад, баромаданд.

Бозии дигаре, ки ҷолиби диққат аст, ин бозии ниҳоии Ҷоми Тоҷикистон-2024 байни дастаҳои "Хуҷанд"-и шаҳри Хуҷанд ва "Регар Тадаз"-и шаҳри Турсунзода аст. Ин бозии финали 20 октябри соли равон дар майдони варзишии шаҳри Истаравшан бо иштироки зиёда аз 13 ҳазор нафар мухлис баргузор гардид. Дастаи «Регар-ТадАЗ»-и шаҳри Турсунзода дар финали Ҷоми Тоҷикистон-2024 дастаи «Хуҷанд»-ро бо ҳисоби 2:1 мағлуб карда, барои ҳафтумин бор дар таърихи бошгоҳи худ соҳиби Ҷоми фахрӣ гардид. «Регар-ТадАЗ»-и Турсунзода дар бозии душвори ниҳоӣ бар «Хуҷанд» ғолиб омада, барандаи ҳафткаратаи Ҷоми Тоҷикистон гардид. Қаблан бошгоҳи Турсунзода дар солҳои 2001, 2002, 2005, 2006, 2011 ва 2012 барандаи Ҷоми кишвар шуда буд.

Санаи 13 ноябри соли ҷорӣ дар Варзишгоҳи марказии шаҳри Душанбе мунтахаби Тоҷикистон бо тими миллии Непал бозии дӯстона баргузор намуд. Дар ин рақобат дастаи Тоҷикистон тавонист бо заданаи 4 голи беҷавоб пирӯзии бозиро ба даст орад. Ду голро Шервони Мабатшоев ва ду голи дигарро Алишер Ҷалилов ба дарвозаи тими Непал ворид намуданд, ки дар натиҷа 4:0 бозии ба нафъи тими Тоҷикистон хотима ёфт.

Бозии дигари дустона санаи 19 ноябр дар Варзишгоҳи марказии шаҳри Душанбе мунтахаби Тоҷикистон бо тими Афғонистон рақобат намуданд. Тими миллии Тоҷикистон дар майдони худ тими Афғонистон бо ҳисоби 3:1 шикаст дода, пирузиро ба даст овард. Амирбек Ҷӯрабоев голи аввали тими миллии Тоҷикистонро дар дақиқаи 11-уми бозӣ вориди дарвозаи ҳариф намуд. Голи дуюмро бошад Шаҳром Самиев дар дақиқаи 27-ум ба сомон расонид. Дар дақиқаи 37 Ҷамшед Асекзаи аз тими Афғонистон голи аввали дастаашро ба тими Тоҷикистон зад ва ҳисоб дар қисми аввали бозӣ 2:1 ба фоидаи дастаи Тоҷикистон хотима ёфт. Аммо ташвишовар дар он буд, ки Рустам Ятимов дарвозабони тими миллии Тоҷикистон дар дақиқаи 39 корти сурх гирифта, бозиро тарк намуд ва ҳамин тавр дар тими миллии Тоҷикистон даҳ футболбоз рақобатро идома доданд.

Дар қисми дуюми бозӣ бошад голи Рустам Соиров бовариву умеди мухлисони Тоҷикистонро боз ҳам бештар намуд ва ҳамин тавр бозӣ бо ҳисоби 3:1 бо ғалабаи тими миллии Тоҷикистон анҷом ёфт.

Таҳияи
Ёқубҷон СУЛТОНАЛИЗОДА

Муассис:
Гвардияи миллии
Ҷумҳурии Тоҷикистон

сомонаи расмӣ: www.gmjt.tj
E-mail: gmjt.info.tj@mail.ru

Оғози нашр:
25 январи соли 2006

Ҳайати таҳрир:
Сардори шуъбаи иттилоот ва робита бо ҷомеа полковники гвардия Хайринисо Комилзода, Неъматуллои Холиқ, Саодат Сатторова-хабарнигорон.

Мушовирон:
Фармондеҳи Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон генерал-лейтенанти гвардия Бобоҷон Ҷамолзода, раиси Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси Иттифоқи ҷавонони Тоҷикистон Зулфиқор Гулахмадзода, муовини раиси Ҳаракати ҷамъиятии ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон Рудобаи Мукаррам.

Идораи моҳнома ба андешаҳои муаллифони маводҳо на ҳама вақт ҷонибдор аст. Масъулияти саҳеҳии санаду иқтибосҳо ба зиммаи муаллифон аст. Маводҳо аз АМИТ «Ховар» истифода шуданд.

Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 706 аз 20 январи соли 2006 ба қайд гирифта шудааст.

Дизайн: А. Насриддинов

Суратгир: М. Шоев

Адади нашр: 500 нусха